# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, густариши равобити иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии байни давлатҳо ва афзоиши таҳдидҳои фаромиллӣ тавсиф меёбад, масъалаи мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ аҳаммияти хосса пайдо намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи байналмилалӣ ва иштирокчии як қатор санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои ба тасвибрасидаи Созмони Милали Муттаҳид, уҳдадориҳои мушаххаси ҳуқуқиро ҷиҳати пешгирӣ, ошкор ва таъқиби чунин навъи ҷиноятҳо ба зимма гирифтааст. Ин уҳдадориҳо зарурати такмили доимии қонунгузории миллӣ ва мутобиқсозии онро ба меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ тақозо менамоянд.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки дар асоси санадҳои байналмилалӣ эътироф ва танзим мешаванд, ба монанди терроризм, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон, коррупсия, қочоқи силоҳ ва дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, бо сатҳи баланди хавфнокии иҷтимоӣ фарқ мекунанд. Онҳо на танҳо ба манфиатҳои алоҳидаи шахс ё гурӯҳ, балки ба амнияти миллӣ, суботи иқтисодӣ ва тартиботи ҳуқуқии давлат таҳдиди ҷиддӣ мерасонанд. Хусусияти фаромиллӣ доштани ин ҷиноятҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва шабакаҳои муташаккилонаи байналмилалӣ мубориза бо онҳоро мушкилтар гардонида, таҳияи механизмҳои нави ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологиро талаб менамояд.

Қабул ва амалисозии санадҳои муҳими байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия, инчунин дигар созишномаҳои соҳавӣ, барои давлатҳо уҳдадории мутобиқсозии қонунгузории миллиро ба вуҷуд овардааст. Дар ин замина, таҳқиқи амиқи масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, муайян намудани мафҳум ва аломатҳои фарқкунандаи онҳо, таҳлили асосҳои тахассусгузорӣ ва таъини ҷазо, инчунин арзёбии самаранокии меъёрҳои

амалкунанда дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хоса касб менамояд.

Мабрамияти мавзуи таҳқиқот инчунин бо он асос меёбад, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ то ҳол мавқеи ягона нисбат ба мафҳум, доираи фарогирӣ ва низоми ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ташаккул наёфтааст. Дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ низ мушкилиҳои муайян, аз ҷумла масъалаҳои тафсири меъёрҳо, фарқгузории ин навъи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои ҳаммонанд, татбиқи дурусти санксияҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мушоҳида мерасанд. Норасоии таҳқиқоти комплексӣ ва системавӣ дар ин самт зарурати анҷом додани таҳқиқоти мустақили илмиро боз ҳам тақвият мебахшад.

Ғайр аз ин, таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ, аз қабили истифодаи технологияҳои рақамӣ дар содир намудани ҷиноятҳои фаромиллӣ, маблағгузории терроризм тавассути шабакаҳои молиявии мураккаб ва густариши шаклҳои нави коррупсия, зарурати бознигарии асосҳои назариявӣ ва амалии сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ба миён мегузоранд. Дар чунин шароит, таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-асоснок оид ба такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирӣ ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамин тавр, мубрамияти мавзуи диссертатсионии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар он зоҳир мегардад, ки он ба яке аз масъалаҳои калидии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияи муосир равона гардида, ба таҳкими заминаҳои назариявӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ мусоидат менамояд. Таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва амалӣ, талаботи замони муосир ва уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саривақтӣ ва зарурӣ маҳсуб меёбад.

Ҳомидзода Ҷонибек Убайд соли 2007 ба факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор дохил шуда, онро соли 2012 хатм намудааст. Аз 1 сентябри соли 2012 то соли 2014 дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4 шаҳри Левакант (Сарбанд) фаъолият намудааст. Мавсуф фаъолияти кориашро аз 1 сентябри соли 2014 ба ҳайси омӯзгор дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оғоз намуда то ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ кор ва фаъолият намуда истодааст. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 11-уми октябри соли 2024, таҳти № 437-фа ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ

ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо мақсади пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таъйин гардидааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30.06.2023, таҳти №11 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илм иборат мебошад.

Боби якум – «Асосҳои назариявии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» ба таҳлили заминаҳои назариявӣ ва методологии мавзуъ бахшида шудааст. Дар зербоби якум мафҳумҳои «ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ», «ҷиноятҳои фаромиллӣ», «ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалидошта» ва «ҷиноятҳои байналмилалӣ» мавриди таҳлил қарор гирифта, фарқият ва умумияти онҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ва ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ муайян карда мешавад. Дар ин замина, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ ва Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия ҳамчун асоси ташаккули мафҳуми ҷиноятҳои конвенсионӣ баррасӣ мегарданд. Ҳамзамон, муносибати илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ нисбат ба ин категорияи ҳуқуқӣ таҳлил шуда, мавқеи муаллиф оид ба таърифи мукаммал ва дақиқи ин навъи ҷиноятҳо асоснок карда мешавад.

Дар зербоби дуюми боби аввал таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пешниҳод мегардад. Тасниф бо дарназардошти объекти таҷовуз, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, хусусияти ӯҳдадориҳои байналмилалии давлат ва шакли зуҳуроти фаромиллӣ анҷом дода мешавад. Муаллиф кӯшиш менамояд низоми мантиқӣ ва илмии гурӯҳбандии чунин ҷиноятҳоро таҳия намуда, заминаи назариявиро барои таҳқиқоти минбаъда фароҳам оварад.

Боби дуюм – «Робитаи меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ» ба таҳлили ҳамоҳангсозии меъёрҳои миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар зербоби якум тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки бо суиқасд ба ҳаёт ё аз ҳаёт маҳрум сохтани инсон алоқаманданд, баррасӣ мегардад. Дар ин замина, масъалаи мутобиқати меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

уҳдадориҳои байналмилалӣ, инчунин таҷрибаи татбиқи онҳо таҳлил карда мешавад.

Зербоби дуюм ба тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии савдои одамон ва савдои кӯдак ҳамчун ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бахшида шудааст. Муқаррароти санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Протоколи Палермо оид ба пешгирӣ ва ҷазо барои савдои одамон, бо меъёрҳои миллӣ муқоиса гардида, масъалаҳои тахассусгузорӣ, таркиби ҷиноят ва мушкилоти амалияи судӣ таҳлил карда мешаванд.

Боби сеюм – «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки ба амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва ҳокимияти давлатӣ таҷовуз меоранд» ба таҳқиқи гурӯҳи васеи ҷиноятҳое равона гардидааст, ки ба манфиатҳои муҳими ҷамъиятӣ ва давлатӣ зарар мерасонанд. Дар зербоби якум мафҳум, намудҳо ва асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бар зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ баррасӣ гардида, робитаи онҳо бо уҳдадориҳои байналмилалӣ ва механизмҳои пешгирӣ таҳлил карда мешавад.

Зербоби дуюм ба таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ ба муқобили ҳокимияти давлатӣ бахшида шуда, заминаҳои ҳуқуқӣ, аломатҳои таркибии ҷиноят ва масъалаҳои фарқгузорӣ аз ҷиноятҳои ҳаммонанд мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар зербоби сеюм масъалаи имплементатсияи меъёрҳои конвенсионии зиддикоррупсионӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил мешавад. Дар ин қисмат татбиқи талаботи Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия дар қонунгузории миллӣ, мушкилоти амалии татбиқ ва роҳҳои такмили минбаъдаи он асоснок карда мешаванд.

Дар қисмати Хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод мешаванд. Қисмати Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххасро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи натиҷаҳо дар раванди таълим дар бар мегирад.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии

нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи
криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Назаров А.Қ.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 905886363

Имзои Назаров А.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«12» 01 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj